**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илму фан махсусан соҳаи китобдорӣ омили ташаккул ва рушди илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Истилоҳоти китобдорӣ дар маҷмуъ омили пайдоиши фанни китобдориро ҳамчун илми мустақил ифода мекунад. Истилоҳоти китобдорӣ мисли илмҳои дигар дар рушду такомули фанҳои вобаста нақши муҳим дорад. Дар истилоҳсозии китобдорӣ нақши забони меъёрӣ (стандартӣ) манбаъи асосӣ буда, он дар ҳамгирой ва яксонсозии истилоҳот муҳим мебошад.

Докторант Робияи Абдусамад ба баррасии истилоҳоти китобдорӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» диссертатсия пешниҳод кардааст, ки дар радифи дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ марбут ба истилоҳот яке аз масоили муҳимми илмӣ ба шумор меравад.

Масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ яке аз вазифаҳои мубрами забоншиносӣ буда, дар таркиби назарияи забоншиносии умумӣ мавриди муҳокимаву таҳқиқ карор мегирад. Масъалаҳои марбут ба маънои забоншиносии «истилоҳ» ва «истилоҳшиносӣ» дар забоншиносии муқоисавӣ дертар дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX пайдо шуд. Мафҳуми «истилоҳ» дар илм асосан дар аввалҳои асри XX ба вуҷуд омадааст. Аввалин тавзеҳи калимаи «истилоҳ» дар «фарҳанги Энсиклопедии Ф.А. Брокгауз ва И.А. Ефрона» зикр шудааст. Оид ба истилоҳоти риштаҳои гуногуи илму фан таҳқиқотҳои зиёде сурат

гирифта башанд ҳам, перомуни истилоҳоти соҳаи китобдорӣ то кунун ба таври васеъ ва доманадор ва бо диди нав таҳқиқи илмӣ нашуда буд, ки ин холигиро муаллифи диссертатсияи матраҳшаванда Робияи Абдусамад пур кард.

Диссертатсия ва масъалаҳои матраҳшуда дар забоншиносии тоҷик кори комилан нав мебошад ва дар пешбурд ва инкишофи масоили марбут ба истилоҳот саҳифаи нав боз менамояд.

Зимни таҳқиқ докторант ба баррасии мафҳуми истилоҳ ва таърихи таҳқиқи он, масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносӣ, заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои қиёсшаванда, накши аломатҳои китобат дар ташаккули фарҳангҳои истилоҳоти китобдорӣ, усулҳои асосии калимасозӣ, калимасозӣ бо усули вандӣ, истилоҳоти мураккаби соҳаи китобдорӣ, ихтисораҳои истилоҳоти китобдорӣ, иқтибосоти соҳаи китобдорӣ ва ғ. таҳқиқот бурдааст. Таҳлилҳои амиқи илмӣ дар бахши таҳлилҳои маъноӣ мушоҳида шуда, аз рӯйи таҳқиқоти докторант маълум мегардад, ки дар ташаккули истилоҳоти соҳаи китобдорӣ истилоҳиборахо ва ибораҳои иқтибосӣ накши асосӣ доранд, ки ин масъала ба ҷиддияти илмӣ омӯхта шуда, рӯйи кор омадааст.

Навгониҳои кори муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқот бори аввал масъалаҳои мушаххаси истилоҳ ё истилоҳшиносӣ ва аҳамияти ин масъала барои эҷоди забони илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқот хусусияти маҷмуи воситаҳои ифодаи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аввалин маротиба мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Мавзуи таҳқиқ, яъне истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чун як ҷузъи муҳими таркиби луғавӣ нахустин маротиба аз нигоҳи сохторӣ ва маъноӣ баррасӣ мешавад. Дар таҳқиқот таҳлили сохторӣ ва маъноии

истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва сарчашмаҳои ташаккули онҳо баррасӣ мешавад.

Таҳқиқ дар асоси усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, сахфию наҳфӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва ғайра истифода шудааст, ки ба талабот муносиб аст. Зимни таҳлилҳо аз андешаҳои донишмандони ин соҳа барои тақвияти андеша истифода шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври мухтасар дастовардҳои илмии таҳқиқ дар 12 банд оварда мешавад. Маълум мегардад, ки истилоҳоти китобдорӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ умумият, тафовут ва монандӣ дошта, қисми зиёди истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ танҳо ба коршиносони соҳа фаҳмо буда барои соҳибони забонҳо мушкилӣ ва нофаҳмост.

Дар маҷмуъ рисола ба забони хуби илмӣ навишта шуда, дастоварди нави илмӣ ба шумор меравад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия мустақилона эҷод гардида фикру андешаҳо зина ба зина пешниҳод гардида, мантиқан такмилдиҳандаи якдигар буда, дорои мазмуну муҳтавои ягонаи илмӣ мебошанд. Хулосаю натиҷаҳо ва мақсаду вазифаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда аз самти шахсии муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои Хулосаи асосии диссертатсия дар 10 мақола инъикос ёфтааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст, мувофиқ мебошад.

Хулосаи асосии диссертатсия дар 10 мақола инъикос ёфтааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

нашр расидаанд, инъикос ёфта ба мазмун ва мавзуи кори диссертатсионӣ бевосита алоқаманданд. Автореферати диссертатсия мазмуну мухтавои диссертатсияро ифода мекунад. Теъдоди мақолаҳои илмии нашркардаи докторант ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ риоя гардидааст.

Дар хулосаи дастовардҳои таҳқиқ ва мухтавою моҳияти масъалаҳои асосии кор мунъакис шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ муайян шудааст. Аҳамияти илмии таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши илмию амалии корро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса меояд, ки диссертатсияи **Робияи Абдусамад** дар мавзуи **"Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи **Робияи Абдусамад** дар мавзуи **"Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** кори анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашонро ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 –

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқаризони зерин пешниҳод менамояд:

- Нуров Пирмаҳмад Гулович – доктори илмҳои филологӣ, АМИТ
- Саъдиева Гулистон Фатоевна – номзади илми филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисӣ Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон.

2. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.
3. Барои гузаронидани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷамшедов П.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мухторов. З. М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Нозимов. А. А.

**Имзоҳои д. и. ф., профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон П. Ҷамшедов-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академия миллии илмҳои Тоҷикистон
дар шаҳр и Душанбе Муродова М.
Нишонӣ: ш. Душанбе 734025 хиёбони Рӯдакӣ 33
Тел: 919002053
E-mail: pjam07@mail.ru

Ректори филиали Донишкадаи менеҷменти
рушди Сингапур дар ш. Душанбе, доктори
илмҳои филологӣ Мухторов. З. М.
Нишонӣ: ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
Тел: (992) 907801822
E-mail: mukhtorov67@gmail.com

**Имзоҳои д. и.ф., профессор Нозимов. А.А.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ
МИСИС дар шаҳри Душанбе
Нишонӣ: ул Назаршоев 7, 734042 ш. Душанбе,
Тел: 907725666 Зарипова. М. А.
E-mail: aa. Nozimov@.mail.ru